«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии
«Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_____________Асрорзода У.А.
«__12__» ______04.______ 2026 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқи муосир мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Исматзода Исматулло Бобохуҷа ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Айни замон дар Тоҷикистон ҳам дар доктрина ва ҳам дар амалияи татбиқи ҳуқуқ масъалаҳои меъёрҳои коллизионӣ дар илми ҳуқуқ вобаста ба паҳн шудани он дар бисёр соҳаҳои фаъолияти хоҷагии ҷомеаи мо борҳо ба миён гузошта мешаванд. Илова бар ин, маъруфияти меъёрҳои коллизионӣ меафзояд, ки яке аз сабабҳои зарурати ҳалли масъалаҳои хусусӣ мебошад.

Мубрамияти мавзуъ бо як чанд омилҳои ҷиддӣ аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст. Чуноне муаллиф зикр менамояд «Қобили зикр аст, ки дар ҶТ то имрӯз мазмун ва моҳияти меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун навъи мушаххаси меъёрҳои ҳуқуқӣ ва масоили амали онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор дода нашудааст, ки баррасии ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур ба пешрафти назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҶТ сабаб хоҳад гашт» (с.7).

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи

проблемаҳои ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар ҶТ таҳқиқоти илмии мукаммал дар мавриди амалияи меъёрҳои коллизионӣ то ҳол вуҷуд надорад, гарчанде ки ҳамкориҳои иқтисодии шаҳрвандон ва ташкилотҳои миллӣ бо ҳамтоёни хориҷӣ пайваста меафзоянд. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи меъёрҳои коллизионӣ бояд бо дарназардошти манфиатҳои миллию иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти амалии иштирокчиёни муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ амалӣ гарданд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда, нахустин қадамҳои пажӯҳиш доир ба масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ буда, ҷиҳати ташаккул ва таҳкими соҳаи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, инчунин қонунгузорӣ ва амалияи худии ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидати бевосита намуда метавонад.

Чунин нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти навгонӣ доранд:

1. Моҳияти меъёри коллизионӣ тавассути таъиноти функсионалии он ифшо мегардад, яъне муайян намудани низоми ҳуқуқие, ки бояд нисбат ба муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии дорои унсури хориҷӣ татбиқ карда шавад. Самаранокии татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар ин соҳа аз таносуби мақоми ҳуқуқии иштирокчиён, хусусиятҳои объекти муносибати ҳуқуқӣ ва ҳолатҳои ҳуқуқии дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гардидани чунин муносибатҳо мегарданд.

Сабаби мансуб донистани муносибати хусусӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ на навъи уҳдадорӣ, балки мавҷудияти ҳолатҳои объективие мебошад, ки онро бо давлати хориҷӣ мепайванданд. Ин ҳолатҳо метавонанд ба иштирокчиёни муносибати ҳуқуқӣ, объекти он ё ба фактҳои ҳуқуқӣ дахл дошта бошанд ва дар маҷмуъ унсури хориҷиро ташкил медиҳанд.

Меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун воситаи махсуси ҳуқуқӣ амал менамоянд ва тавассути онҳо низоми ҳуқуқии миллие муайян карда мешавад, ки бояд нисбат ба муносибати дахлдор татбиқ гардад. Ҳамзамон, доираи амали меъёрҳои коллизионӣ ба ҳалли зиддиятҳо байни ҳуқуқи дохилии давлат ва ҳуқуқи давлати хориҷӣ маҳдуд мегардад, дар ҳоле ки таносуби ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар асоси принсипи бартарияти уҳдадориҳои байналмилалӣ ҳал карда мешаванд.

2. Шаклгирии меъёрҳои коллизионӣ дар ҶТ аз замони давлати шуравӣ (дар шакли маҳдуд) оғоз ёфта, дар замони истиқлолияти давлатӣ ба таври пурра мукаммал карда шуда, мавриди истифода ва татбиқи васеъ қарор гирифтаанд.

Дар шаклгирии ҳар як соҳаи ҳуқуқ ва мукаммалгардонии меъёрҳои он маҳз давлат бо мақсади ба роҳ мондани сиёсати дурусти дохиливу хориҷӣ ва танзими муносибатҳои бавуҷудоянда, бахусус муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии дорои унсури хориҷӣ талош менамояд. Истиқлолияти давлатии ҶТ заминаи мусоид ва асоси воқеӣ баҳри инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимми ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии кишвар ва рушди меъёрҳои коллизионӣ гардид, ки асоси бунёдии онро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқи ҶТ ташкил медиҳанд.

3. Таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои молумулкӣ бо унсури хориҷӣ тавассути меъёрҳои коллизионӣ амалӣ карда мешавад, ки ҳамчун механизми мувофиқати низомҳои ҳуқуқии гуногун баромад менамоянд.

Набояд таъиноти меъёрҳои коллизиониро танҳо бо ташкили алоқа байни субъектҳои муносибатҳои байналмилалии хусусӣ донист. Функсияи ташкилӣ ва танзимии меъёрҳои коллизионӣ бо ҳам таъсири мутақобила дошта, якҷоя таъсири зарурпро ба субъектони ҳуқуқ-шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии кишварҳои гуногун мерасонанд.

Агар ин таъиноти меъёрҳои коллизиониро аз ҳам ҷудо намоем, ин маънои онро дорад, ки аҳаммияти танзимнамоии онҳоро инкор ва ё рад

менамоем. Охиринҳо ҳам дар танзими муносибатҳои хусусияти молумулкӣ дошта якҷоя бо меъёрҳои моддӣ ва ҳам бевосита амал менамоянд.

4. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бояд масъалаи амали меъёрҳои коллизионӣ аз категорияи татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ фарқ карда шавад, зеро ин ду мафҳуми аз ҳам фарқкунанда мебошанд. Амали меъёри коллизионӣ муайянкунандаи он аст, ки дар ин ё он муносибати байналмилалии хусусӣ ҳуқуқи кадом кишвар бояд татбиқ карда шавад. Амали меъёри коллизионӣ дар асоси қонуни миллӣ ё шартномаҳои байналмилалӣ ба роҳ монда мешавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур дар Тоҷикистон доираи васеи маводи илмии алоқаманд ба муҳтавои фарогирандаи мавзуи таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар раванди минбаъдаи омӯзиш ва таҳлили мавзуъ, навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷараёни таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, тафсир ва татбиқи ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур аҳаммияти илмӣ-амалӣ доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дараҷаи асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала бармеоянд. Рисолаи мазкур, аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба масъалаи матраҳшаванда мебошад. Дар ин замина муаллиф қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиқкуниро ба таври муназзам таҳлилу баррасӣ намудааст. Гузашта аз ин, муаллиф рисолаҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал ва пурғановат гардонидани рисолаи илмии

худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Таҳлили муфассали доктринаи ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ имконият фароҳам овардааст, ки истилоҳоти ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои асосӣ оид ба мавзуи баррасишаванда равшан шуда, дар партави он пешниҳодҳои муайяни илмӣ манзур шудаанд, ки барои такмили қонунгузории соҳа ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалия кумак менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии таҳқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Таҳлили густурдаи мавзуи таҳқиқот ва дар асоси он нашр гардидани натиҷаҳои диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ, эътимоднокии онро пурра тасдиқ менамоянд. Тавсия ва пешниҳодҳои манзуршудаи муаллиф бо дарназардошти таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, бахусус амалияи мақомоти судӣ сурат гирифтааст.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои гузаронидашуда 9 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо нашр гардидаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи 3 боб ва 9 зербоб моҳитяти мавузи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад. Сохтори диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмиро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** асоснокии интихоби мавзуъ тавзеҳ дода шуда, мушкилоти назария ва амалия вобаста ба мавзуъ матраҳ шуда, аҳаммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд.

**Боби якуми рисола** “Мафҳум, таснифот ва хусусиятҳои амали меъёрҳои коллизионӣ” масъалаҳои мафҳум ва таснифоти меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва хусусиятҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусиро фаро

мегирад. Дар ин боб низоми қонунгузории ватанӣ ва байналмилалӣ доир ба масъалаҳои коллизионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаст.

**Боби дуюми рисола** “Проблемаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудаст ба амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ бо унсури хориҷӣ, амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ, амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ ва амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими уҳдадориҳои ғайришартномавӣ бо унсури хориҷиро дар бар мегирад.

**Боби сеюми рисола** “Проблемаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ” таҳлили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ ва амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷиро дар бар мегирад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон», ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассусӣ илмии Исматзода Исматулло Бобохуҷа барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 5.5.3 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:

1. Муаллиф дар навгонии дуюм зикр кардааст, ки "Истиқлолияти давлатии ҶТ заминаи мусоид ва асоси воқеӣ баҳри инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимми ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии кишвар ва рушди меъёрҳои коллизионӣ гардид, ки асоси бунёдии онро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқи ҶТ ташкил медиҳанд." Яъне муаллиф ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ баррасӣ менамояд, аммо дар рисола мавқеи худро доир ба ин масъала бо таври комил асоснок накардааст. Хуб мешавад, ки ҳангоми ҳимоя доир ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.
2. Ба назари мо зербобҳои боби сеюм давоми мантиқии боби дӯюми диссертатсия мебошад ва зарурат ба номи боби сеюм нест.
3. Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ дар замони муосир ин ташаккули меъёрҳои коллизионии марбут ҷуброни зараре, ки тавассути шабкаҳо расонида шудааст мебошад. Мутаасифона муаллиф ба ин масъала аҳамият надодааст.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Исматзода Исматулло Бобохуҷа мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти

назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мухтасар мазмуни кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Хулоса доир ба диссертатсия.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Исматзода Исматулло Бобохуҷа пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маданӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳаҳои ҷумҳурӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Тақриз тибқи талаботи бандҳои 76-79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ № 4 аз 10 -уми апрели соли 2026.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Меликов У.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. прфессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.3. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ) омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра № 4 аз 10- уми апрели соли 2026.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Холиқов Н.А.

Ташхисгар, д.и.ҳ., и.в. профессори кафедраи
ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А.

Котиби ҷаласа, н.и.ҳ., муаллими калони
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Шерализод С. М.

Имзои Холиқов Н.А., Меликов У.А.
ва С. М. Шерализодро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсус ДБССТ Ҷураев.Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел. (+992 237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj E-mail: dsx_ips@mail.ru

«11» 04. 2026 сол